# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025 - 35 саҳ.).**

Мавзуи диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм бахшида шудааст.

Даъватҳои оммавӣ ба экстремизм метавонанд ҳамчун манбаи таҳдид ба амнияти ҷомеа хидмат кунанд, онҳо метавонанд зуд паҳн шаванд ва ба қабулкунандагони (аудиторияи) зиёд таъсир расонанд. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад барои амалҳои воқеии зӯроварӣ, терроризм ва экстремизм замина гарданд, ба равандҳои ифротишавӣ (радикализатсия) дар ҷомеа мусоидат кунанд, ки дар натиҷа одамон метавонанд ақидаҳои радикалиро қабул кунанд ва ҳатто ба гурӯҳҳои экстремистӣ ҳамроҳ шаванд, ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ расонанд, ки натиҷаи он ба вуҷуд омадани мунокишаҳо байни давлатҳо, инчунин миёни гурӯҳҳои гуногуни фарҳангӣ ва қавмӣ бошад, ба амнияти миллӣ таҳдид намоянд ва боиси ташаннуҷ дар ҷомеа, низоъҳои дохилидавлатӣ ва дигар мушкилот шаванд, боиси аз даст додани эътимод ба ҷомеа шаванд ва дар байни гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ихтилофҳоро ба вуҷуд оранд.

Аз ин рӯй, таҳқиқи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар айни замон мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аввалин пажӯҳиши мукаммали бунёдӣ ва ҳаматарафаро дар самти таҳлили ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм анҷом додааст, ки дар он таҳқиқоти ҳамаҷонибаи мушкилоти ҷинояти мазкур ба таври муназзам бо таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, таҳлили аломатҳои объективию субъективӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи номбурда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навовариҳои кори мазкур дар хулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври возеҳ ифода ёфтаанд.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо усули илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳо анҷом ёфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки ба таври муфассал ва амиқ ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои боэътимод ва асоснок ноил гардидааст. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас, дақиқ ва илмӣ метавонад ҳамчун манбаи боэътимоду судманд барои такмилу ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ин самт саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф чунин пешниҳодро барои мукаммалгардии КҶ ҶТ менамояд: дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда дар намуди даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, криминализатсия карда шавад. Пешниҳоди мазкур дар сатҳи авторефрат чандон асонок карда нашудааст, хуб мешуд муаллиф онро дар рафти ҳимоя асоснок менамуд.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ – таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона ва таҳия шуда, масъалаи муҳими ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Наботзода Сиёвуш Холмурод

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикитон, доктори ҳуқуқ (доктор PhD), дотсент

**Нишонӣ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42
**Тел:** +992 900015101
**Почта:** nabotov@inbox.ru

Сафарзода Файзалӣ Сафар

мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

«13» август 2025сол